# Ин амр ба он ҷое мерасад, ки шабу рӯз расидааст. Ва Аллоҳ Таъоло ҳеҷ хонаеро дар шаҳр (ва русто) ва бодия раҳо намекунад, магар ин динро вориди он мекунад

Аз Тамими Дорӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро шунидам, ки мегуфт: "Ин амр ба он ҷое мерасад, ки шабу рӯз расидааст. Ва Аллоҳ Таъоло ҳеҷ хонаеро дар шаҳр (ва русто) ва бодия раҳо намекунад, магар ин динро вориди он мекунад. Бо иззати азиз ё зиллат ва хории залил ҳамроҳ мегардонад. Иззате, ки Аллоҳ ба воситаи он Исломро иззат мебахшад ва зиллате, ки Аллоҳ ба воситаи он куфрро залил ва хор мегардонад". Тамими Дорӣ мегуфт: Инро дар миёни хонаводаам шоҳид будам, касоне аз хонаводаам, ки Исломро пазируфта буданд, ба хайру шараф ва иззат даст ёфтанд ва онон ки кофир монданд, хору залил шуда ҷизя пардохтанд.

[Саҳеҳ] [رواه أحمد]

Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд, ки ин дин дар тамоми гӯшаҳои замин паҳн мешавад, пас ин дин ба ҳар ҷое мерасад, ки шабу рӯз ба он расидааст. Ва Аллоҳ Таъоло хонаеро дар шаҳрҳо ва рустоҳо ва ҳатто бодияҳо ва саҳроҳо раҳо нахоҳад кард, магар ин ки ин динро ба онҷо ворид хоҳад кард. Пас ҳар ки ин динро қабул кард ва имон овард, бо иззати Ислом азиз ва сарбаланд хоҳад шуд. Ва ҳар ки онро инкор кард ва кофир шуд, хору залил хоҳад монд. Сипас саҳобӣ Тамими Дорӣ (разияллоҳу анҳу) гуфт: Он чи Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфта буд, дар хешовандони худ дидам. Он тавр ки ҳар ки аз онон Исломро пазируфт, хайру шараф ва сарбаландӣ ба даст овард. Ва онон ки кофир шуданд, ба замми пуле, (ҷизя) ки ба мусалмонон мепардохтанд, дучори зиллат ва хорӣ шуданд.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/11220